Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-044 назди Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (734003, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33)

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Раҷабзода Мутеъулло Сафаралӣ дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-маъмурии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Раҷабзода Мутеъулло Сафаралӣ дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-маъмурии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ пешниҳод гардидааст, бо шиносномаи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 апрели соли 2022, №128/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Давлат ҳамчун ташкилоти сиёсӣ ва ҳокимиятӣ дорои функсияҳои гуногун мебошад, ки дар байни онҳо таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд, инчунин пешгирӣ, ошкор ва мубориза бо ҷинояткорӣ дар таъмини субот, оромӣ ва рушди ҷомеа ва давлат нақши калидӣ мебозанд. Аз ин рӯ, маҳз тавассути ба роҳ мондани механизмҳои гуногуни ташкил ва ба амал баровардани онҳо давлат идоракунии ҷомеаро амалӣ намуда, тартиботу низом, қонуният ва рушду ишкишофи онро таъмин менамояд.

Дар миёни мақомоти гуногуни давлатӣ, ки фаъолияти онҳо ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд, инчунин пешгирӣ, ошкор ва мубориза бо ҷинояткорӣ нигаронида шудааст, мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи марказиро ишғол менамояд. Прокуратура яке аз ниҳодҳои муҳимми давлатдорӣ буда, фаъолияти онҳо ба ҳифзи арзишҳои ҷомеаи демократӣ, қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои давлат ва ҷомеа, ошкору пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкуниҳо ва мубориза бар зидди ҷинояткорӣ нигаронида шудааст. Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми ягонаи марказонидашудае мебошад, ки дар доираи салоҳиятҳои худ ҳамзамон риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон низ назорат мекунад.

Мақомоти прокуратура аз ҷумлаи ниҳодҳои қадимӣ буда, ҳазорсолаҳо дар таърихи давлатдории кишварҳои дунё дар ин ё он шакл арзи ҳастӣ намудааст. Ин аст, ки дар байни дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мавқеъ ва нақши он дар пешбурди сиёсати давлатӣ дар самти таъмини қонуният ва мубориза бо ҳама гуна ҳуқуқвайронкуниҳо назаррас буда, назораткунанда ва ҳамоҳангкунандаи фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ин самт маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, таваҷҷуҳ нисбат ба ин мақоми давлатӣ чӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чӣ дар мамлакатҳои хориҷӣ зиёд мебошад, зеро бо назардошти рушд ва мураккаб гардидани муносибатҳои ҷамъиятӣ таъйинот ва функсияи мақомоти прокуратура дар замони имрӯза беш аз пеш муҳим гардида, ҳолати мазкур зарурати омӯзиш ва такмили асосҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти онро талаб менамояд.

Яке аз самтҳои муҳим дар раванд, ин ташкил ва баамалбарории хизмати давлатӣ дар мақомоти мазкур мебошад. Тавре аз қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, дар низоми мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ду намуди хизмати давлатӣ – мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ҳарбӣ ба амал бароварда мешавад. Бо назардошти ин, таҳқиқ намудани махсусият ва унсурҳои фарққунандаи ин намудҳои хизмати давлатӣ, муқаррар намудани вазъи ҳуқуқии хизматчиёни давлатии ҳифзи ҳуқуқ ва ҳарбӣ аз ҷумла масъалаҳои муҳим дар самти ташкил ва ба роҳ мондани фаъолияти ин мақом маҳсуб меёбанд. Аз ин рӯ, таҳқиқоти мазкур, ки ба омӯзиш ва таҳлили «Танзими ҳуқуқӣ-маъмурии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида шудааст, муҳим ва саривақтӣ буда, дастовардҳои муаллиф, нуктаҳои назар ва натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур метавонанд ба мукаммал намудани қонунгузории соҳаи хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамзамон ба роҳ мондани механизмҳои нави кор бо кадрҳо, такмили вазъи ҳуқуқии хизматчиёни давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар ин ниҳоди давлатӣ ва монанди инҳо мусоидат намоянд.

Диссертатсияи Раҷабзода М.С. аз феҳристи ихтисорот, муқаддима, ду боб, ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳои амалӣ, рӯйхати адабиёт ва феҳристи интишороти муҳаққиқ вобаста ба таҳқиқоти диссертатсионӣ иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва пайдарҳамии мантиқии таҳқиқот мутобиқат менамояд.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барнома ва мавзуи илмӣ, мақсад, вазифа, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, асосҳои методологии таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот муайян карда шуда, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, саҳми шахсии довталаб ва сохтори диссертатсия пешбинӣ гардидааст.

Боби якуми диссертатсия **«Асосҳои назариявии ташкил ва адои хизмати давлатӣ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ном дошта, аз се зербоб иборат мебошад. Дар зербоби аввали боби якуми диссертатсия, ки – **«Таҳаввули хизмати давлатӣ дар мақомоти**

**Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ»** ном гирифтааст, ҷанбаҳои назариявӣ-таърихии ташаккули мақомоти прокуратура таҳқиқ гардида, бо истифода аз адабиёти илмӣ муаллиф қайд намудааст, ки муҳаққиқони ватании таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон ба он назаранд, ки дар давлатҳои дар сарзамини Тоҷикистони таърихӣ то давлати шуравӣ мавҷудбуда, мақомоти махсус барои назорати иҷрои фармонҳои сарвари давлат мавҷуд набуданд. Агар ба сохтори мақомоти давлати Сомониён таваҷҷуҳ намоем, «Сарвазир (ҳоҷиби бузург) ва девонҳои алоҳидае ҷой доштанд, ки иҷроиши фармонҳои амирро дар самтҳои ҷудогона назорат менамуданд. Масалан, девони мустаъфӣ (андоз), муҳтасиб (тиҷорат) ва мушриф (полиси махфӣ) мавҷуд буданд, ки функсияҳои имрӯзаи прокуратураро дар алоҳидагӣ ба хотир меоранд, аммо дар ягон ҳолат фаъолияти имрӯзаи мақомоти прокуратураро бозгӯӣ наменамоянд (саҳ. 26). Ба ақидаи муаллиф, ташаккул ёфтани мақомоти прокуратура ба таври пурра аз лаҳзаи ташкил ёфтани Ҷумҳурии шуравии сотсиалистии Бухоро, сониян Ҷумҳурии мухтори шуравии сотсиалистии Тоҷикистон ва ниҳоят ҶШС Тоҷикистон оғоз меёбад. Чун Тоҷикистон дар ҳайати ИҶШС буд, ташаккуёбии мақоми мазкур, албатта дар заминаи прокуратураи Шуравӣ ва Россия сурат гирифта буд. Муаллиф давраҳои ташаккули ниҳодҳои алоҳидаи давлатиро дар таҷрибаи Тоҷикистон, ки функсияҳои имрӯзаи мақомоти прокуратураро доштанд, омӯхта ба таври мушаххас масъалаҳои ташкилӣ ва ҳуқуқии фаъолияти онҳоро таҳлил намудааст, ки аҳаммияти муҳимми илмӣ доранд. Бо арзёбии мавзуи таҳқиқшуда муаллиф иброз менамояд, ки таҳаввули хизмати давлатӣ дар мақомоти прокуратураро дар қаламравии кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон ба марҳилаҳои зерин тақсимбандӣ намуд:

– қабл аз таъсисёбии ҶМШС Тоҷикистон, яъне дар ҶХШ Бухоро солҳои 1922-1924 (махсусан Бухорои шарқӣ);

– баъди таъсисёбии ҶМШС Тоҷикистон то таъсисёбии ҶШС Тоҷикистон солҳои 1924-1929;

– дар ҶШС Тоҷикистон солҳои 1929-1991;

– дар Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол аз соли 1991 то инҷониб (саҳ. 54).

Дар зербоби дуюми боби якуми диссертатсия – **«Мафҳум ва моҳияти хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии мафҳум ва моҳияти хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти прокуратура таҳлил гардидааст. Муаллиф, оид ба мафҳум ва мазмуни хизмати давлатӣ ва умуман хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ нуктаҳои назари олимони соҳавиро таҳлили амиқ намуда, вобаста ба масъалаи матраҳшаванда мавқеи илман асосноки худро муайян намудааст, ки аҳаммияти муҳимми илмӣ ва амалӣ дорад. Аз ҷумла, муаллиф иброз медорад, ки Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шохаҳои ҳокимияти давлатии қонунгузор, иҷроия ва судӣ мутаалиқ набуда, як мақоми алоҳидаи давлатӣ буда, функсия, ҳадаф ва вазифаҳои мушаххаси

худро дорад (саҳ. 67). Муаллиф оид ба мавқеи конститутсионии мақомоти прокуратура хулосабарорӣ намуда, қайд мекунад, ки танзими конститутсионии мавқеи мақомоти прокуратура танҳо ба масъалаҳои дорои хусусияти ташкилӣ (ба истиснои масъалаи маҳрум кардани депутат, ки хусусияти мурофиавӣ дорад) маҳдуд шуда, нуктаҳои асосӣ вобаста ба муайян кардани ҷой, нақш ва мақсади прокуратура дар давлати Тоҷикистон алоқаманд аз танзими он дур мондаанд (саҳ. 71). Диссертант масъалаи мафҳум ва мазмуни хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар асоси нуктаҳои назари олимони соҳа, таҷрибаи дохилию хориҷи кишвар ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи ҷанбаҳои алоҳидаи хизмати давлатӣ дар ин мақоми давлатӣ таҳлил намуда, мафҳуми муаллифӣ ва илман асосноки худро манзур намудааст, ки чунин мебошад: «Хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти касбӣ, ҳифзи ҳуқуқӣ ва музднoки (музди меҳнат) хизматчиёни давлатии ҳифзи ҳуқуқи мақомоти мазкур дар амалӣ намудани салоҳияти он оид ба таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқ, озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин мубориза бар зидди ҷинояткорӣ буда, бо пешбурди назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад» (саҳ. 82).

Дар зербоби сеюми боби якуми диссертатсия – **«Принсипҳои ташкилӣ-ҳуқуқии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон»** аҳаммият, намудҳо ва мазмуни принсипҳои ташкилӣ-ҳуқуқии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Мувофиқан, муаллиф қайд менамояд, ки а принсипҳои хизмат дар мақомоти прокуратура ҳам фаъолияти мақомоти прокуратура ва ҳам хизматчиёни он вобаста аст. Аз ин рӯ, омӯзиши амиқ ва таҳлилу таснифоти принсипҳои хизмати давлатӣ дар мақомоти прокуратура ва дақиқ намудани нақше, ки онҳо дар ҷараёни ташкил ва адои хизмат иҷро мекунанд, барои амалияи фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва илми ватанӣ муҳим мебошад (саҳ. 84). Ба ақидаи муаллиф, принсипҳо ғояҳои умумии роҳбарикунанда мебошанд ва дигар муқаррарот, аз ҷумла, принсипҳои мушаххас аз онҳо бармеоянд. Қонуният ва демократият принсипҳои умумии ташкил ва фаъолияти ҳокимияти давлатӣ буда, дар ташкили хизмати давлатӣ ба таври хос зуҳур ёфта, маҳорати касбӣ ва таъминоти иҷтимоии кормандон принсипҳои хоси он мебошанд (саҳ. 90). Принсипҳои хизмати давлатӣ дар Тоҷикистон дар қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда таҷассум ёфтаанд, аз қабили Конститутсияи ҶТ, қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра. Бо назардошти ин, муаллиф принсипҳои ташкил ва баамалбарории хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар принсипҳои конститутсионӣ ва ташкилӣ ҷудо

менамояд (саҳ. 93). Тибқи ақидаи муаллиф, ба сифати принсипҳои конститутсионии хизмат дар мақомоти прокуратура он асосҳои роҳбарикунандае дохил мешаванд, ки амалисозии мустақими онҳо ба тамоми низоми мақомот, аз ҷумла мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар мақомот дар рафти иҷрои вазифаҳои ба зиммаи онҳо вогузоргардида паҳн мегарданд. Ба ин гурӯҳи принсипҳо инҳо дохил мешаванд: қонуният, мустақилият, низомнокӣ, ба инобат гирифтани афкори ҷомеа, эҳтиром ва риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, баробарии ҳама дар назди қонун ва ғайра. Ба гурӯҳи принсипҳои махсуси ҳуқуқии хизмат дар мақомоти прокуратура танҳо он асосҳои роҳбарикунандае шомил мегарданд, ки онҳо танҳо дар фаъолияти ҳамарӯзаи мақомоти прокуратура паҳн мегарданд. Ба ин гурӯҳи принсипҳо он асосҳои роҳбарикунандаеро шомил донистан мумкин аст, ки онҳо бевосита дар моддаи 6 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешбинӣ гардидаанд. Ҳамин тариқ, бо муайян намудани навъҳо ва номгӯи принсипҳои ташкил ва адои хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти прокуратура, муаллиф мазмун ва моҳияти онҳоро дар робита бо ташкили хизмати давлатӣ дар мақомоти мазкур шарҳ додааст, ки аҳаммияти муҳимми илмӣ ва амалӣ доранд.

Боби дуюми диссертатсия **«Танзими ҳуқуқӣ-маъмурии ташкил ва адои хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ном дошта, се зербобро дар бар мегирад. Зербоби якуми боби дуюми диссертатсия **«Асосҳои ҳуқуқӣ-маъмурии ташкил ва адои хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ном гирифта, дар он оид ба шарту талаботи қабул ва таъйин гардидан дар мансабҳои дахлдори мақомоти прокуратура, ҳамзамон санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи адои хизмат дар мақомоти мазкур ва мутобиқгардонии онҳо бо талаботи замон таҳлилҳо гузаронида шуда, аз ҷониби муаллиф ҷиҳати такмили қонунгузорӣ тавсияҳо пешниҳод карда шудаанд, ки қобили дастгирӣ мебошанд. Муаллиф, оид ба зарурати кор бо кадрҳои ҷавон дар мақомоти прокуратура диққат дода, санадҳои меъёрии дар ин самт қабулгардидаро мавриди таҳлил қарор дода, ишора менамояд, ки Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи нақшаи тақсимоти мутахассисони ҷавон ҳар сол аз ҳисоби хатмкунандагони факултетҳои ҳуқуқшиносии донишгоҳҳое, ки бо онҳо дар бораи ҳамкорӣ ва омода намудани мутахассисони баландихтисос шартномаҳо баста шудаанд, аз рӯйи эҳтиёҷоти кадрӣ дар ҷаласаҳои комиссияи тақсимотӣ иштирок намуда, номзадҳои арзандаро барои ба кор қабул намудан ба мақомоти прокуратура интихоб менамояд (саҳ. 111). Муаллиф оид ба интихоб ва таъйин намудани кадрҳое, ки аз лиҳози равонӣ, қобилияти баланди корӣ, нерумандӣ, қавииродагӣ, заковатнокӣ, ташаббускорӣ, устуворӣ дар расидан ба ҳадафҳо бартаридошта мавқеи худро баён намуда, қайд менамояд, ки ин сифатҳо ба маҳорати роҳбарӣ ба ҳайати кормандон аҳаммияти калон дорад, аз ҷумла, ташкилотчигӣ, кордонӣ,

ташаббускорӣ, қобилияти дастур додан, назорати иҷрои он аз тарафи тобеон, ҳамарӯза дар ҷои кор таълим додан ва қобилияти ба ташаккулу нигоҳ доштани фазои солими равонии ҳайати кормандон таъсир расондан зарур аст (саҳ. 115). Бо назардошти муҳиммияти ин масъала, ҳамзамон барои таъмини салоҳияти мақомоти прокуратура, баланд бардоштани сатҳи касбии кормандони прокурорӣ ва мувофиқати онҳо ба мансабҳои прокурорӣ ба ақидаи муаллиф зарур шуморида мешавад, ки ҷиҳати мушаххас намудани сифатҳои зурурии касбӣ ва ахлоқӣ дар қонунгузории соҳавӣ тағйироту илова ворид карда шавад. Ба андешаи муаллиф номгӯи сифатҳои зарурии касбӣ аз қабили поквиҷдонӣ, садоқатмандӣ, беғаразӣ, боинтизомӣ, устуворӣ, бодиққатӣ дар муносибат бо шаҳрвандон, хушмуомилагӣ, меҳнатдӯстӣ, хоксорӣ, серталаб будан нисбати худ, худтанқидкунӣ ва сифатҳои зерини ахлоқи аз зумраи қобилияти баланди корӣ, қавииродагӣ, ташаббускорӣ, таҳаммулпазирӣ, ҳадафнокӣ, қобилияти барқарор кардани алоқаи равонӣ, муносибати эҷодкорона ба кор ва солимӣ дар сатҳи қонунгузорӣ мустаҳкам карда шавад.

Зербоби дуюми боби дуюми диссертатсия ба масъалаи **«Хусусиятҳои аттестатсияи кормандони прокурории мақомоти прокуратура – ҳамчун хизматчиёни давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** бахшида шуда, дар раванди таҳқиқи он муаллиф иброз менамояд, ки дар замони муосир сиёсати давлатӣ оид ба омодасозии кадрҳо ба тайёр кардан, такмили ихтисос ва баҳодиҳӣ ба кори кадрҳо талаботи ҷиддӣ мегузорад, зеро самаранокӣ ва ба таври дахлдор иҷро гардидани вазифаҳои мақомоти прокуратура бе баҳодиҳии воқеӣ ба натиҷаҳои корӣ, донишу маърифат ва сифатҳои касбию ахлоқии кормандони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ғайриимкон мегардад (саҳ. 145).

Муаллиф ба он назар аст, ки дар таъмини амалишавии сиёсати давлатӣ дар самти омодасозии кадрҳои ба талаботи замон ҷавобгӯ аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ нақши муҳим мебозад. Аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ яке аз марҳилаҳои асосӣ дар раванди адои хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла дар мақомоти Прокуратура мебошад. Аттестатсия дорои ҳадафу вазифаҳои ба худ хос буда, нисбати ҳама хизматчиёни давлатӣ паҳн намегардад. Аттестатсия дар боло бардоштани савияи дониши хизматчиёни давлатӣ, салоҳиятнокӣ ва касбияти онҳо таъсири мусбат дошта, хизмати давлатиро аз кадрҳои тасодуфӣ тоза менамояд (саҳ. 146). Масъалаҳои вобаста ба мақсадҳои баргузории аттестатсия, тартиби ташкили он, тартиби гузаронидани он ва оқибатҳои аз натиҷаи он бавуқуъояндаро муаллиф аз нигоҳи илмӣ ва амалӣ таҳлил намуда, нуктаҳои илмии худро манзур намудааст, ки барои рушди ин падида дар низоми хизмати давлатӣ нақши муҳим мебозанд.

Зербоби сеюми боби дуюми диссертатсия **«Таъминоти моддӣ-иҷтимоӣ ва ҳимояи ҳуқуқӣ-иҷтимоии хизматчиёни давлатии ҳифзи ҳуқуқи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ном гирифтааст. Дар раванди таҳлили мавзуъ муаллиф иброз менамояд, ки таъминоти

моддию иҷтимоӣ, чораҳои ҳимояи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии хизматчиёни давлатӣ аз ҷумла, кормандони прокурорӣ бо қонунҳо муқаррар гардида, аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад. Кафолатҳои иҷтимоии кормандони мақомоти прокурора бо назардошти кафолатҳои иҷтимоии муқаррарнамудаи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" танзим карда мешавад. Аз ҷумла, муаллиф қайд менамояд, ки Ба прокурорҳо ва муфаттишон ва аъзои оилаи бо онҳо ҳамроҳ зиндагикунанда дар хонаҳои фонди давлатӣ ва фонди дигари манзилӣ, аз ҷумла, онҳое, ки дар хонаҳои хусусикардашуда зиндагӣ мекунанд, хонапулӣ ва пардохти хизматрасониҳои коммуналӣ (ба истиснои барқ ва газ), пули телефон, новобаста аз навъи фонди манзилӣ 50 фоиз кам карда мешавад ё ёрии тиббӣ ба кормандони прокуроре, ки нафақа мегиранд ва аъзои оилаи онҳо, инчунин падару модарон, зану шавҳар ва фарзандони ноболиғи прокурорҳои фавтида (ҳалокшуда) дар муассисаҳои тиббие, ки онҳо ба қайд гирифта шудаанд, расонида мешавад. Муаллиф бо арзёбӣ намудани аҳамияти мазуи матраҳшаванда ба хулоса омадааст, ки кафолатҳои иҷтимоие, ки барои кормандони прокурорӣ, пешбинӣ карда шудаанд ва баъзеи онҳо бинобар нокифоягии имкониятҳои молиявии буҷети давлатӣ боздошта шудаанд, бояд аз нав баррасӣ карда шавад. Зеро, тибқи муқаррароти алхол амалкунанда, ба кормандони прокурории собиқаи зиёди коридошта, гарчанде ки нафақаашон ба андозаи 80-90 фоизи музди меҳнаташон таъин гардад ҳам, ба онҳо (ба истиснои кормандони прокуратураи ҳарбӣ) на бештар аз ҳадди болоии нафақаи умумӣ (яъне, 624 сомонӣ) пардохта мешавад ва аз ин низом аксари нафақагирандагони солҳои тулонӣ дар хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ содиқонаю бенуқсон хизматкарда нигаронкунанда мебошад. Аз ин рӯ, рисоланавис зарур мешуморад, ки мониторинги чунин категорияҳои нафақахӯронро гузаронида, бо роҳи азнавҳисобкунӣ (индексатсия) нафақаҳои онҳоро низ нисбатан зиёдтар карда шавад (саҳ. 191). Таклифи мазкур аҳаммияти баланди иқтимоӣ ва иқтисодӣ дошта, шоистаи дастгирӣ мебошад.

Зербоби чоруми боби дуюми диссертатсия ба **«Асосҳои ҳуқуқии ҳавасмандгардонӣ ва масъулияти хизматчиёни давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон»** бахшида шуда, дар раванди таҳқиқи он ба масъалаи чораҳои ҳавасмандгардонии хизматчиёни давлатии ҳифзи ҳуқуқи мақомоти прокуратура, принсипҳо ва тартиби пешниҳоди онҳо диққат дода шудааст. Ба ақидаи муаллифи диссертатсия чораҳои ҳавасмандгардонии хизматчиёни давлатӣ дар асоси принсипҳои муайян ба роҳ монда мешавад. Бо назардошти ин, принсипҳои татбиқи чораҳои ҳавасмандкуниро ба чор гурӯҳ тақсим намудаанд, ки аз принсипи шоистагии шахсӣ, принсипи ба ҳам пайвастани ҳавасмандгардонии маънавӣ ва моддӣ, принсипи суроғавӣ ва принсипи ҳатмигии мукофотонидани шахсони арзанда иборат мебошанд (саҳ. 194). Муаллиф иброз менамояд, ки Номгӯи чораҳои

ҳавасмандгардонӣ ва тартиби татбиқи онҳоро Низомнома дар бораи ҳавасмандгардонӣ ва масъулияти интизомии прокурорҳо, муфаттишон ва дигар кормандони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рутбаҳои дараҷавӣ доранд, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, муқаррар кардааст. Тибқи санади зикргардида, кормандони прокурории рутбаҳои дараҷавӣ дошта, бо чораҳои зерин ҳавасманд ва мукофотонида мешаванд: раҳматнома; мукофотпулӣ; тухфа; туҳфаи қимматбаҳо; баланд бардоштани рутбаи дараҷавӣ; бо Ифтихорномаи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикисгон сарфароз гардонидан; ҷой додани сурати корманд дар «Лавҳаи фахрӣ»; бо нишони сарисинагии «Корманди фахрии прокуратура» мукофотонидан (саҳ. 198).

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии «Танзими ҳуқуқӣ-маъмурии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» муаллиф як катор **хулосаҳои илмӣ** ва **тавсияҳои амалиро** манзур намудааст, ки онҳо аз мазмуну моҳияти вазифаҳои гузошташуда бармеоянд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд.** Таҳқиқоти диссертатсионии Раҷабзода М.С. дар муҳити илми ҳуқуқшиносии ватанӣ аз зумраи нахустин таҳқиқоти мукаммали диссертатсионӣ вобаста ба танзими ҳуқуқӣ-маъмурии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки дар он ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии мавзуи мавриди назар баррасӣ гардидаанд. Диссертант вазифаҳои барои таҳқиқот гузошташударо тавассути нуктаҳои илмӣ ва амалии ба ҳимоя пешниҳоднамудааш пурра инъикос намуда, ҷиҳати расидан ба мақсадҳои гузошташуда диссертант аз адабиёти илмӣ, қонунгузории ватанӣ ва давлатҳои хориҷӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ва таҷрибаи амалисозии меъёрҳои қонунгузорӣ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар сатчашмаҳо истифода намудааст. Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодгардида фарогири паҳлуҳои назарӣ ва амалии мавзуи баррасишаванда буда, дар маҷмуъ навгонии таҳқиқоти диссертатсиониро ташкил медиҳанд. Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодгардида, ҷанбаҳои назариявӣ, таърихӣ ва амалии танзими ҳуқуқӣ-маъмурии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистонро фаро гирифта, вазифа ва мақсадҳои таҳқиқоти диссертатсиониро дар худ таҷассум менамоянд. Бо назардошти мазмуни ва хусусияти нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳоднамудаи диссертант, онҳоро ба чунин гурӯҳҳо ҷудо намудан мумкин аст:

– навгониҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, яъне дар диссертатсия давраҳои ташаккули мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз давраи ташкил гардидани Тоҷикистон ҳамчун ҷумҳурии мухтор дар ҳайати Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Узбекистон то замони Истиқлоли давлатӣ ҷудо гардида, муаллиф чор марҳилаи рушди ин мақомро пешкаш намудааст;

– навгониҳои назарӣ-ҳуқуқӣ, яъне дар заминаи он муаллиф маҳуми хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистонро бори аввал дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ пешниҳод намудаст, нишонаҳои фарққунандаи онро аз дигар навъҳои хизмати давлатӣ муқаррар намудааст;

– навгониҳои амалӣ-ҳуқуқӣ, ки дар заминаи он муаллиф як қатор тавсияҳои амалии илман асосноки худро пешниҳод намудааст, ки барои такмили қонунгузорӣ ва вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии хизматчиёни давлатии ҳифзи ҳуқуқи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд мусоидат намоянд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Қайд намудан зарур аст, ки асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи пажуҳиши назарӣ ва амалии марбут ба паҳлуҳои гуногуни танзими ҳуқуқӣ-маъмурии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ ва вазъи ҳуқуқии хизматчиёни давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили натиҷаҳо ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, ақидаҳо ва тавсияҳои назарию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории миллӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ва таҷрибаи давлатҳои алоҳида, таҳқиқи ҳолати кунунӣ, дурнамо ва самтҳои такмили танзими ҳуқуқӣ-маъмурии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, асос меёбанд.

**Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии Раҷабзода М.С. аҳаммияти баланди илмӣ ва амалӣ дорад, зеро масъалаҳои дар он матраҳгардида, андешаҳои пешниҳодгардида ва хулосаву тавсияҳои манзургардида, барои такмили қонунгузорӣ ва рушди илми ҳуқуқи маъмурии ватанӣ метавонанд мусоидат намоянд. Дар баробари ин, маводи таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад ҳамчун сарчашмаи илмӣ барои пажуҳишгарон ва муҳаққиқони ин соҳа баромад намояд. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ имкон медиҳанд, ки давраҳои ташаккули мақомоти прокуратура, мафҳум ва нишонаҳои хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти прокуратура, принсипҳои асосии ташкил ва адои хизмати давлатӣ дар ин мақом, инчунин раванди адои хизмати давлатӣ дар мақомоти мазкур ва вазъи ҳуқуқии хизматчиёни давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян карда шаванд. Қайд намудан зарур аст, ки нуктаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои амалие, ки дар рисола манзур гардидаанд, метавонанд дар ташаккул ва таҷдиди қонунгузории соҳа, ҳамзамон рушди илми ҳуқуқи маъмурӣ ва таълими он дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ саҳмгузор бошанд. Инчунин, натиҷаҳои рисоларо дар таълими фанҳои «Ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Асосҳои ҳуқуқии хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Асосҳои хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ» метавон ба роҳ монд. Илова бар ин, рисола ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллифи онро ҳамчун маводи илмӣ ва таълимӣ дар

донишгоҳҳои олии касбӣ ва курсҳои такмили ихтисоси кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба роҳ мондан мумкин аст.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он диссертант 8 мақолаҳои илмӣ ба нашр расонидааст, аз ҷумла 4 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақола дар нашрияҳои дигар нашр гардидаанд. Зикр намудан ба маврид аст, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои амалии муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Автореферат ва корҳое илмие, ки дар мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ рӯйи чоп омадаанд, мазмуну моҳияти рисолаи илмиро ба таври зарурӣ инъикос менамоянд.

**Масъалаҳои баҳснок дар таҳқиқот.** Дар диссертатсияи Раҷабзода М.С. дар баробари муваффақиятҳо, инчунин баъзе масъалаҳое ҷой доранд, ки аз нигоҳи илмӣ баҳснок мебошанд ва онҳоро ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

1. Диссертант дар зербоби якуми боби якум таҳлили мафҳуми хизмати давлатиро гузаронида, нуктаҳои назари олимони зиёдро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст (саҳ. 60-64). Аз таҳлилҳои гузаронидашуда маълум мегардад, ки диссертант нуктаҳои назари олимони замони Шуравӣ ва мутахассисони замони имрӯзаро дақиқ таҳлил намудааст. Вале бо таҳлил намудани нуктаҳои назари олимон дуссертант мавқеи худро оид ба мафҳуми хизмати давлатӣ пешниҳод накардааст (саҳ. 64)

Аз ин рӯ, аз диссертант пурсида мешавад, ки мавқеи илмӣ ва муаллифии худро оид ба мафҳуми хизмати давлатӣ бо назардошти нуктаҳои назари олимони соҳа ва муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт баён намояд

2. Диссертант дар зербоби якуми боби якум нуктаҳои назари олимони соҳаро оид ба мавқеи хизмати давлатӣ дар мақомоти прокуратура дар низоми хизмати давлатӣ таҳлил намудааст. Диссертант мавқеи олимони ватанӣ ва хориҷиро таҳлил карда, қайд менамояд, ки олими маъруфи соҳаи ҳуқуқи маъмурии Федератсияи Россия Старилов Ю.Н. бар ин назар аст, ки хизмат ҳамчун як фаъолияти касбӣ дар мақомоти прокуратура берун аз ин чаҳорчӯбҳо боқӣ мемонад, ки он ҳам бояд (ва аслан) давлатӣ бошад. Орипов Т. ва Ҷабборов Ф.Н. низ чунин ақида доранд, ки мақомоти прокуратура ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ шомил набуда, хизмат дар мақомоти прокуратура яке аз намудҳои хизмати давлатӣ мебошад (саҳ. 67)

Дар ротиба бо ин масъала – мавқеи хизмати давлатӣ дар мақомоти прокуратура дар низоми хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мехостем назари диссертантро шунида бошем.

3. Дар зербоби сеюми боби якум диссертант масъалаи принсипҳои ташкил ва баамалбарории хизмати давлатиро дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил намуда (саҳ. 84-107), таҳлили амиқи онҳоро гузаронидааст, ки қобили дастгирист. Дар қонунгузории хизмати давлатӣ принсипе бо номи “устувории ҳайати шахсии мақоми давлатӣ” мавҷуд аст ва диссертант оиди он дар раванди баррасии зербоби мазкур ишора намудааст (саҳ. 93). Принсипи мазкур новобаста аз низоми хизмати давлатӣ барои тамини устуворӣ ва иқтидори кадрӣ зарур мебошад ва хуб мешуд ки оиди татбиқи он дар таҷрибаи мақомоти Прокуратура диссертант дар таҳқиқоти худ андешаронӣ менамуд. Вале дар таҳқиқот ба ин принсип дар алоҳидагӣ диққат дода нашудааст. Аз ин рӯ, аз диссертант шунидан мехостем, ки барои усутвории ҳайати шахсӣ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон андешидани кадом чораҳоро зарур мешуморанд.

4. Муаллиф дар зербоби якуми боби дуюм барои такмили қонунгузорӣ таклиф намудааст, ки дар моддаи 53 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” тағйирот ворид карда шуда, калимаҳои «танҳо шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон дошта бошад» ба калимаҳои «танҳо шаҳрвандоне, ки шаҳрвандии давлати дигарро надоранд»” иваз карда шаванд (саҳ. 111).

Ба назари мо, тағйироти зерин зарурат надорад. Вале мехостем мавқеи муаллифро оид ба асоснокии таклифи худ шунида бошем.

Мулоҳизаҳое, ки қайд гардиданд, дар умум, ҳангоми баҳодиҳии мусбати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хеле муҳим буда, мураккаб ва баҳсноканд ва муаллиф дар ҳалли баъзе масъалаҳо дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, адабиёти соҳавӣ ва баҳодиҳии ақидаҳои олимони гуногун нуктаи назари муаллифии худро пешниҳод намудааст, ки ин хоси гузаронидани чунин таҳқиқоти илмӣ мебошад. Мазмуни диссертатсия аз кофӣ будани пуррагии баёни мазмун ва навгонии илмӣ доштани он шаҳодат медиҳад. Муаллиф аз натиҷагириҳо хулосаҳои худро баён намудааст, ки онҳо метавонанд барои илми ҳуқуқи маъмурӣ саҳми сазовори худро гузоранд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Раҷабзода М.С. ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, маколаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Хулоса, рисолаи диссертатсионии Раҷабзода Мутеъулло Сафаралӣ ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14. – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
муовини аввал, муовини директори иҷроия
оид ба илм, инноватсия ва муносибатҳои
байналмилалии филиали Донишгоҳи
давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов
дар шаҳри Душанбе А.М. Диноршоҳ

Имзои А.М. Диноршоҳро тасдиқ менамоям
Сардори шуъбаи сиёсати кадрӣ ва корҳои махсуси
филиали филиали Донишгоҳи
давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов
дар шаҳри Душанбе С.М. Пирназаров

ФИЛИАЛ МОСКОВСКОГО ГОСУДАРСТВЕННОГО УНИВЕРСИТЕТА ИМ. М.В. ЛОМОНОСОВА В Г. ДУШАНБЕ
ОТДЕЛ КАДРОВОЙ ПОЛИТИКИ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ

Суроға: 734003 шаҳри Душанбе, кӯчаи Бохтар, 35/1
Тел.: (+992 37) 221 99 41